# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2023. – 167 с.**

Таҳқиқи адабиёти форсии тоҷикӣ дар ҳамаи мароҳили таърихӣ дорои вежагиҳои хос буда, дар даврони истиқлоли давлатӣ вусъати тоза ёфт. Дар замони истиқлол осори як зумра адибону олимони тоҷик ба табъ расид ва таҳқиқҳои арзишманди илмӣ дар самти адабиётшиносӣ рӯйи кор омаданд. Бо дарназардошти ҳамаи таҳқиқоти адабӣ дар тӯли асрҳо наметавон иддао дошт, ки паҳлуҳои мухталифи масоили адабӣ мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Ҳанӯз ҳам дар адабиёти пурғановати форсии тоҷикӣ адибони барҷастае ҳастанд, ки осору афкор ва зиндагии эшон пажӯҳиши амиқи илмиро тақозо мекунад. Дар ин росто, чеҳраҳои зиёди адабӣ мавҷуданд, ки рӯзгору осори онҳо мавриди таҳқиқи адабиётшиносон ва шарқшиносон қарор нагирифтааст. Чунончи, то ҳол дар бораи ҳаёту фаъолияти адабии Саҳобии Астарободӣ - яке аз шоирони бузург, ориф ва мутафаккири охири асри XVI ва аввали асри XVII, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ (бо он ки мақолоте чанд доир ба ҳаёт ва осори ӯ дар Эрон нашр шуда, рубоиёт ва ғазалиёташ бо пешгуфтори олимони эронӣ мунташир гаштаанд) сурат нагирифтааст.

Саҳобӣ на танҳо шоир, балки орифи маъруф буд ва ин боис гашта, ки дар замони зиндагӣ мардум, аз ҷумла аҳли адаб ба зиёраташ мерафтанд ва ин ҳолат яке аз авомили бештар зикр шудани ҳаёт ва фаъолияти адабии ӯ дар бисёр тазкираҳо ва осори таърихӣ шудааст.

Таҳқиқи ҳаёту фаъолияти адабии Саҳобии Астарободӣ аз ҳар ҷониб яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ ба ҳисоб меравад.

Аз адиби мазкур то замони мо ашъори зиёде ба мерос мондааст, ки онҳо ба забони форсии тоҷикӣ таълиф шуда, аз суханвари мумтоз будани ӯ хабар медиҳад. Сарчашмаҳои таърихӣ шоирро ҳамчун рубоисарои файласуф ва орифи шефтаву маҷзуб васфу сабт кардаанд.

Имрӯз осори адабии Саҳобӣ дар китобхонаҳои бузурги дунё, аз ҷумла дар Британия, Ҳиндустон, Покистон ва Эрон маҳфуз буда, ҳамчун мероси асрҳои миёнаи адабиёти форсии тоҷикӣ арзиши хеле баланд доранд. Мазмуну муҳтавои ашъори Саҳобӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ дар шеъру шоирӣ як шахсияти мумтоз ва бомаҳорат аст. Бино бар ин, лозим аст, ки ҳаёту фаъолият ва осори шоир мавриди пажӯҳиши ҳамаҷониба қарор дода шавад, зеро ашъори ӯ дорои афкору орои мутараққӣ буда, шоир дар онҳо ишқи пок, некию накукорӣ, ростию ростқавлӣ, зебоӣ ва дигар сифатҳои неки инсониро васф карда, одамонро ба роҳи рост раҳнамун гашта, аъмоли бади инсониро мавриди мазаммат қарор медиҳад. Бори дигар ба он нукта ишора меравад, ки ҳанӯз роҷеъ ба ҳаёту фаъолият ва осору афкори Саҳобии Астарободӣ тадқиқоти мукаммали монографие анҷом наёфтааст. Агарчи осори Саҳобӣ то замони мо расидааст, аммо роҷеъ ба рӯзгор ва фаъолияти шоир маълумоти кам мавҷуд аст. Иттилооте, ки дар сарчашмаҳо, хусусан, тазкираву баёзҳо

доир ба Саҳобӣ мавҷуд аст, мазмунан яксон буда, аслан, такрори якдигаранд. Аз ин ҷиҳат, довталаби дараҷаи илмӣ дар диссертатсия дар баробари маълумоти тазкираву осори таърихӣ, инчунин, аз осори худи шоир низ истифода кардааст. Саҳобии Астарободӣ шоири баландовоза ва хуштабъи замонаш буда, бо сабабҳои айнию зеҳнӣ ашъораш дур аз таҳқиқ мондааст. Ба назари мо, бешак, Саҳобӣ шоирест, ки осораш шоистаи таҳқиқ ва дастраси хонандагон гардонидан аст. Бовар дорем, ки бо шинохти Саҳобии Астарободӣ як саҳифаи наве дар адабиётшиносии тоҷикӣ боз шуда, имкони беҳтар омӯхтани таърихи адабиётамон дар ин асрҳо муҳайё мегардад. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба осори адабии Саҳобии Астарободӣ ва мақоми ӯ дар рушду адабиёти форсии тоҷикӣ таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «... Саҳобии Астарободӣ яке аз шоирони боистеъдоду забардаст, ориф ва мутафаккири охири асри XVI ва аввали асри XVII, ки то ҳол дар бораи ҳаёту фаъолияти адабии ӯ таҳқиқоти мукаммал сурат нагирифтааст» (дисс., с. 3).

Таҳқиқу баррасии фаъолияти босамар ва гуногунпаҳлуи Саҳобии Астарободӣ аз мадди назарҳо дур намонда, дар «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробан Доси Хушгӯ, «Сарви озод»-и Мир Ғуломалихони Озоди Билгиромӣ, «Натоиҷ-ул-афкор»-и Қудратуллоҳи Гупомувӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Риёз-ул-орифин» ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ, «Таърихи адабиёти форсӣ»-и Ҳерман Эте, «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо, «Фарҳанги суханварон»-и Хайёмпур, «Луғатномаи Деҳхудо»-и Алиакбар Деҳхудо, «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ»-и Сируси Шамисо, «Энсиклопедияи советии тоҷик» аз рӯзгор ва осори шоир ёд шудааст.

Дар Эрон рубоиёт ва ғазалиёти Саҳобӣ (соли 1347, баробар ба соли 1970 мелодӣ) ба кӯшиши адиби эронӣ Ҷавоҳирӣ ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ дар Машҳад интишор, соли 1387 (соли 2009 мелодӣ) «Девони ғазалиёт»-и шоир аз рӯйи китоби таҳиякардаи Ҷавоҳирӣ ба кӯшиши Акбари Беҳдорванд дар Теҳрон, бо муқаддимаи қаблан навиштаи Ҷавоҳирӣ ва пешгуфтори Акбари Беҳдорванд мунташир шудаанд.

Дар Эрон Акбари Беҳдорванд, Ҷавоҳирӣ, Ҳиво Ҳасанпур, Ғуломризо Мустаълии Порсо доир ба рӯзгор ва осори адабии Саҳобӣ мақолаҳо таълиф кардаанд. Дар Тоҷикистон доир ба рӯзгор ва осори шоир таҳқиқоте сурат нагирифтааст. Вале дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» дар бораи Саҳобӣ маълумоти мухтасар дарҷ шуда, соли 1981 дар китоби «Рубоиёти халқӣ ва китобӣ» ду рубоии Саҳобӣ ҷойгир гардидааст. Соли 1993 Лоиқ Шералӣ дар

маҷмуаи ашъори адибон бо номи «Санги мазор» як рубоии Саҳобии Астарободро дарҷ кардааст. Дар мусоҳибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рӯзноманигори рӯзномаи мисрии «Ал-мисри-л-явма» (31-уми августи соли 2009) аз Саҳобӣ ёдоварӣ шудааст. Соли 2015 Назри Яздон ва Алишери Муҳаммадӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мухтасаран шарҳи ҳоли шоирро бо 80 рубоияш мунташир кардаанд.

Таваҷҷуҳи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷоновичро омӯзишу таҳқиқи мавзуи муҳимму зарурӣ – Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ ба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ бо роҳнамоӣ ва роҳбарии номзади илми филология, Муҳаммадиев Шамсиддин кори илмӣ-таҳқиқии хубе анҷом додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷикӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори яке аз симоҳои машҳури адабиёти охири асри XVI ва аввали асри XVII, рубоисарои барҷаста Саҳобии Астарободӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. То ба имрӯз дар Тоҷикистон ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашудааст. Дар диссертатсия зиндагиномаи адиб ва осори ӯ, хусусан андешаҳои ахлоқӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ ва адабии шоир баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, бори нахуст ҷанбаҳои гуногуни осори адабии Саҳобии Астарободӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, шахсияти шоир ба ҳайси як шоири бузурги рубоисаро, ғазалсаро, ориф ва ринду озодманиш исбот шудааст ва саҳми шоир дар густариши жанри рубоӣ муқаррар карда шуда, бори аввал мавзуву муҳтаво, ҷанбаҳои бадеӣ, сабку услуби рубоиёт ва ғазалиёти адиб таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, шаш зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осори Саҳобии Астарободӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Зиндагӣ ва мероси адабии Саҳобии Астарободӣ» унвон дошта, он дар такя ба манобеъ ва таҳқиқоти қаблан анҷомёфта роҷеъ ба рӯзгор ва осори адабии шоир таҳқиқ сурат гирифтааст. Фасли якуми ин боб «Рӯзгори Саҳобии Астарободӣ» ва фасли дуюми боби якуми диссертатсия “Осори адабии Саҳобии Астарободӣ” номгузорӣ гардида, масъалаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар фаслҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор медиҳад, аз “барқарор намудани тарҷумаи ҳоли шоир, муайян намудани ном ва тахаллуси ӯ, мақоми мероси адабии ӯст, ки дар ин бобат дар сарчашмаҳои таърихии то ин дам дастрасбуда сухан нарафтааст”. Довталаби дараҷаи илмӣ ба хулосае омадааст, ки “шоир як шахсияти парҳезкор, орӣ аз бухлу ҳасад ва аз талаби молу сарвати дунё бегона буда, умри худро ба узлатнишинию дарвешию қаноат ва сурудани ашъори ошиқона, тарғибу ташвиқи афкори орифонаву сӯфиёна сипарӣ кардааст. Ашъори шоир ишқи поку беолоиш, некиву накукорӣ, дӯст доштани ватан, дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат зиндагӣ кардани инсонҳоро бозгӯ мекунанд” (дисс., саҳ. 14-47).

Боби дуюми диссертатсия «Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Саҳобӣ» ном дошта, аз чор фасл ва се зерфасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввал роҷеъ ба ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ назари муҳаққиқони соҳаро дарҷ намуда, ба хулосае омадааст, ки “баъд аз Саҳобӣ шоироне мисли Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Соиби Табрезӣ, Саййидои Насафӣ, Бедили Деҳлавӣ ва дигарон анъанаи ғазалсароиро идома доданд. Бино бар ин, дар замони мо низ ғазал ҳамчун як жанри маъмулу машҳури адабӣ истифода мегардад” (дисс., саҳ. 53).

Фасли дуюми ин боб “Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ” унвон дошта, ба таъйини вижагиҳои мавзуъ ва тарзи баёни адиб

ихтисос дошта, муаллиф дар ин фасл таҳлилу баррасиҳои қобили таваҷҷуҳ дорад. Ба андешаи муаллиф “маҳз ҷолибияти ғазалиёти Саҳобӣ буд, ки Соиби Табрезӣ дар «Сафина»-аш аз ғазалиёти ӯ батакрор ёд кардааст, ки дар ин хусус дар боби аввали диссертатсия изҳори назар кардем. Бино бар ин, аз такрори ин мавзуъ худдорӣ менамоем. Дигар масъалаи мавриди тазаккур он аст, ки Саҳобӣ дар эҷоди ғазалиёташ аз эҷоди Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва бархе шоирони ҳамзамону пешиниёнаш баҳра бардоштааст. Ҳамин аст, ки шеъри ӯ бо шоирони зикршуда иртиботи қавӣ дошта, хонандаро метавонад мутаассир намояд” (дисс., саҳ. 59).

Зерфаслҳои дигари диссертатсия ба мавзуоти “ишқу ошиқӣ, панду ҳикмат, тасвири табиат” бахшида шуда, довталаби дараҷаи илмӣ ба хулосае омадааст, ки “дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ афкори ошиқонаву андешаҳои орифона бо ишқи воқеӣ омехта шуда, ӯро дар адабиёти тоҷик ҳамчун суханвари мумтоз, сарояндаи ишқи илоҳию ирфонӣ ва ишқи воқеӣ пеши чашми хонандагон ҷилвагар сохтааст. Андешаҳои ошиқона ва афкори орифонаи Саҳобӣ нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат, ӯ ориф, ошиқи комил ва дар ин қаламрав аз ҷойгоҳи воло бархурдор аст. Аз баррасии андешаҳои пандуахлоқии Саҳобии Астарободӣ бармеояд, ки ӯ дар ин самт аслан анъанаи шоирони пешинро идома додааст. Аз афкори ахлоқиаш пайдост, ки дорои ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии васеъ мебошад. Инчунин, аз баррасии ашъори пандуахлоқии ӯ метавон хулоса кард, ки шоир дорои таҷрибаи зиёди зиндагист. Ҷаҳонгардӣ ва таҷрибаи зиндагӣ ба шоир имкон фароҳам овардааст, ки ашъори пандуахлоқии мондагоре дар қолаби сухани мавзун рехта, ба ояндагон мерос гузорад. ашъори Саҳобӣ бисёре аз паҳлуҳои ҳаёти маънавию фарҳангӣ ва иҷтимоиро дар бар гирифтааст. Ӯ аз як ҷониб ишқу муҳаббат, шодию нишот, одобу ахлоқи шоистаи инсониро васф намуда, аз ҷониби дигар, зулму ситам, инсонбадбинӣ, кинаварӣ, ҷангу низоъ ва даҳҳо амали зиштро мавриди накӯҳиш қарор медиҳад” (дисс., саҳ. 67, 74, 77).

Фаслҳои дигари диссертатсия “Бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ” ва “Таъсирпазирии Саҳобии Астарободӣ аз пешиниён» унвон дошта, довталаби дараҷаи илмӣ дар ин фаслҳо хусусиятҳои ғазалиёти адиб ва таассури ӯро дар иншои шеър аз шуарои мутақаддимин ба риштаи накд кашида, ба хулосае омадааст, ки “яке аз хусусиятҳои хоси ашъори шоир истифодаи зиёди санъати талмеҳ мебошад. Ин санъат дар ғазалиёти Саҳобӣ вазифаҳои гуногун дошта, ба ашъори шоир ҷило ва рангорангии тозае бахшидааст. Монандӣ дар дигар паҳлуҳои эҷодиёти Ҳофиз, Саъдӣ, Хайём, Ҳилолӣ ва Саҳобӣ дида мешавад, минҷумла дар корбурдӣ талмеҳот, ибораҳо ва ташбеҳҳо низ ба назар мерасад. Аз таҳлилу таҳқиқи ашъори Саҳобии Астарободӣ бармеояд, ки ӯ аз шоирони мазкур баҳраҳои зиёде гирифтааст, аммо тақлид накардааст, балки бо тобишу маонии дигаргуна ва ҳатто гоҳе содатару хубтару нозуктаре мафҳуму маъниҳоро ба риштаи назм кашидааст” (дисс., саҳ. 87, 99).

Диссертант дар боби сеюм «Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо» ба баррасии мавзуъ, муҳтаво, андешаҳои иҷтимоӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ, забон ва услуби баёни рубоиёти адиб пардохтааст. Рубоиёти Саҳобӣ бо тарзу

услуби хос эҷод шуда, дар онҳо масъалаҳои муҳимми зиндагӣ, мавзуъҳои панду ахлоқ, танқиди замон, адолатпарварӣ ва инсондӯстии худро ба забони сода, дастрас, оммафаҳм ва хушобуранги адабӣ баён ёфтаанд.

Дар ашъори шоир ва забону баёни ӯ дурдонаҳои зиёде ба чашм мехӯранд, ки хонандаро метавонанд ба дунёи зебои шеъру шоирӣ бибаранд.

Диссертант дар зерфаслҳои "Андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир", "Андешаҳои ирфонӣ дар рубоиҳои Саҳобӣ" ва "Андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти шоир" ба хулосае омадааст, ки "Саҳобӣ аслан шоири ориф ва сӯфимашраб буда, рубоиёти ӯ масоили фалсафиро дар бар гирифта, орифонаву ошиқона ва пандуахлоқӣ мебошанд. Аксари рубоиҳои Саҳобӣ зоҳиран ошиқона намоянд ҳам, дар онҳо масоили мубрами ирфонию фалсафӣ матраҳ гардидааст. Ашъори ӯ бисёре аз паҳлуҳои ҳаёти инсониро дар бар гирифтааст, вале доир ба ҳама ҷанбаҳои ашъори ӯ сухан гуфтан дар ин ҷо имкон надорад. Хусусан, масоили ахлоқӣ дар ашъори ӯ ҷойгоҳи воло доранд, зеро инсонҳоро пайи некию накукорӣ, ваҳдату худшиносӣ ва дурӣ ҷустан аз ҳама гуна ихтилофоту таассуботи динию мазҳабӣ ҳидоят мекунанд" (дисс., саҳ. 116, 128).

Диссертант дар зерфасли "Забон ва услуби баёни адиб" "ашъори Саҳобӣ бо тарзу услуби хос эҷод шуда, дар ашъори ӯ оҳангҳои ошиқонаву орифона хуб ба ҳам гиреҳ хӯрдаанду зебо ва дилнишин ҷилва мекунанд. Муҳим ин аст, ки вай асосан масъалаҳои муҳимми зиндагӣ, мавзуъҳои панду ахлоқ, танқиди замон, адолатпарварӣ ва инсондӯстии худро ба забони сода, дастрас, оммафаҳм ва хушобуранги адабӣ баён кардааст" (дисс., саҳ. 144).

**Хулосаи диссертатсияи** Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 19 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ тартиби хронологӣ то ҷое риоя нашудааст. Бояд номи Ҷавоҳирӣ Ҳ.Ё., ки девони ғазалиёти Саҳобиро, ки соли 1348 ба табъ расонидааст, бояд пеш аз Акбари Беҳдорванд ҷойгузин мешуд (дисс., саҳ. 6).

2. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои услубӣ (таҳқиқи адабиёти форсии тоҷикӣ вусъати тоза касб намуд. - дисс., саҳ. 3.) ба чашм мерасанд. Чӣ гуна метавон, ки вусъати тозаро касб кард?

3. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (Шуъба – дисс., саҳ. 8, мавзу – дисс., саҳ. 47, ҷустуҷӯи – дисс., саҳ. 47,) ва риоя нагардидани Қоидаҳои аломатҳои китобат (нагузоштани аломати вергул пас аз вожагони асосан – дисс., саҳ. 4, аслан – саҳ.5 , ҳатто – саҳ. 6, албатта – саҳ. 8, хусусан – саҳ. 10, инчунин – саҳ.11, қабл аз ҳама – саҳ. 11) ба назар мерасанд.

4. Дар диссертатсия баъзан андешаҳои баҳсбарангез ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо, ба пиндори мо, бар салоҳи кор хоҳад буд. Масалан,

дар саҳифаи 47-уми диссертатсия дарҷ шудааст, ки «гуногунии мавзуъ ва мундариҷаи ашъори Саҳобӣ далели он аст, ки ӯ соҳиби табъи хуби шоирӣ будааст». Оё гуногунии мавзуъ ва мундариҷаи ашъор метавонад, ки маҳаки соҳиби табъи хуби шоирӣ бошад?

Ҳамчунин, дар зербоби "Бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ" навиштааст, ки "яке аз хусусиятҳои ғазалиёти шоир дар он аст, ки онҳо аз 4 то 10 байтро ташкил менамоянд" (дисс., саҳ. 79). Ин гуфта вижагии ғазал аст. Марбути ғазали ин ё он адиб нест.

5. Фасли аввали боби дуюми диссертатсия, ки "Ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ" унвон дорад, бештар иттилои такрорро фарогир аст. Зеро то ба ин замон А.Мирзоев, А.Афсаҳзод, Х.Шарифов, А.Сатторзода, Б.Мақсудов, А. Насриддинов, Т. Атахонов дар Тоҷикистон ва даҳҳо нафар берун аз кишвари мо (Сайид Нафисӣ (Аҳвол ва осори Рӯдакӣ), Шиблии Нуъмонӣ (Шеър-ул-аҷам), Зайнулобидини Муътаман, Забеҳулло Сафо (Таърихи адабиёт дар Эрон), Бертелс Е.Э. (Две газели Баба Кухи), Рейснер М. Л. Эволюция классической газели на фарси (X—XIV века).- М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1989.- 224 с.) ва дигарон роҷеъ ба ин мавзуъ сухан гуфтаанд, ки нисбат ба ақидаи муҳаққиқони мазкур ягон фикри наве дар ин фасли диссертатсия ба чашм намерасад. Чунончи, хулосаи зерфасли мазкур чунин аст: "... баъд аз Саҳобӣ шоироне мисли Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Соиби Табрезӣ, Саййидои Насафӣ, Бедили Деҳлавӣ ва дигарон анъанаи ғазалсароиро идома доданд. Бино бар ин, дар замони мо низ ғазал ҳамчун як жанри маъмулу машҳури адабӣ истифода мегардад" (дисс., саҳ. 53).

6. Гоҳо ихтилофи назари диссертант дар хулосаҳо чашмгир аст. Чунончи, дар фасли "Андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир" ба чунин хулоса омадааст: "Маълум мегардад, ки агарчи Саҳобии Астарободӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун шоири ориф ва мутасаввиф шинохта мешавад, вале дар эҷодиёташ ба масоили иҷтимоӣ низ зиёд дахл кардааст. Аммо ончи аз андешаҳои иҷтимоии шоир дар ин фасл гуфта шуд, бозгӯкунандаи мазмуну муҳтавои рубоиёти ӯ буда наметавонад, зеро Саҳобӣ аслан шоири ориф ва сӯфимашраб буда, рубоиёти ӯ масоили фалсафиро дар бар гирифта, орифонаву ошиқона ва пандуахлоқӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат мазмуну муҳтавои рубоиёти шоир ва ҳунари рубоисароии ӯро дар фаслҳои дигар ба риштаи таҳлил кашида, ба онҳо ба қадри тавон баҳо хоҳем дод" (дисс., саҳ. 116). Мавзуи ошиқӣ ва панду ахлоқӣ низ иҷтимоист.

7. Диссертант, навиштааст, ки "... рубоӣ жанри адабиест, ки бештар масоили фалсафию ирфониро дар бар мегирад" (дисс., саҳ. 128). Ин матлаб низ саҳеҳият мехоҳад. Зеро аз Рӯдакӣ то ба имрӯз рубоӣ на танҳо масоили фалсафию ирфонӣ, балки мавзуоти дигарро низ фарогир аст.

8. Унвони фасли «Забон ва услуби баёни адиб» тобиши наҳвӣ гирифтааст (дисс., саҳ. 136). Ба ҷойи истилоҳи «услуб» истифодаи «сабк» беҳтар мебуд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарипов
Шариф Раҳмонович

«29» майи соли 2023.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 92 757 32 28:
E-mail: sssharif@mail.ru

Имзои Ш. Р. Шариповро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов
Шоҳрух Бозорович

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Саид Носир, 33
Телефон: (+992-37) 224-17-86; факс: 224-17-87.
E-mail: info@apa.tj

«29» майи соли 2023.